Ба Шӯрои диссертатсиониии 6D.KOA-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Хусусиятҳои истеъмолии ҳама гуна молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо дар мафҳуми сифат мутамарказ шудаанд, ки маънои мутобиқати моли фурӯхташуда (маҳсулот, натиҷаи кор, хизматрасонӣ) ба талабот ва аз ин рӯ ба таъиноти истеъмолии онро дорад. Таносуби танзими давлатии сифат ва озодона ҳалли масъалаҳои сифат аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ дар таносуби аттестатсияи давлатӣ ва ихтиёрӣ зуҳур мегардад. Номгӯи молҳо, корҳо ва хизматрасониҳое, ки бояд сертификатсия карда шаванд, тибқи тартиби меъёрӣ муқаррар карда мешавад. Нисбат ба мол, кор ва хизматрасоние, ки ба ин руйхат дохил нашудаанд, субъектхои хоҷагидор ҳуқуқ доранд бо ташаббуси худ моли истеҳсолкардаи худ, корҳои иҷрошуда ва хизматрасониро сертификатсия намоянд.

Ҳамин тариқ, ба андешаи муаллиф ба навсозӣ ва рушди инноватсионии танзими сифат дар иқтисодиёти миллӣ эҳтиёҷот ба вуҷуд омад. Қабули қонунҳои соҳаи танзими техникӣ, хизматрасониҳои баҳодиҳии мутобиқат ва назорати савдо, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври пурра натавонистанд ҷиҳатҳои муҳимми таъмини ҳуқуқи харидоронро ба моли (кору хизмати) сифатнок инъикос ва танзим намоянд. То ба охир афзалиятҳои дастгирии давлатӣ, додани имтиёзҳо, ба

таври созиш ва худтанзимкунӣ ҳалли масъалаҳои сифати мол, кору хизмат, самаранок истифода нашудаанд. Дар робитаҳои бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ сертификатсияи ихтиёрӣ ва аҳаммияти он пурра дарк карда нашудааст.

Мақсади таҳқиқоти мазкур ба даст овардан ва татбиқ намудани дониши нав дар танзими ҳуқуқии сифати мол, кор ва хизмат, асосноккунии илмию амалии пешниҳодҳо баҳри бартараф намудани норасоӣ дар қонунгузории миллӣ, инчунин ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас бо истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ мебошад. Вазифаҳои таҳқиқот ин тавсифи умумии хосиятҳои мол, кор ва хизмат ҳамчун объектҳои муҳимми танзими ҳуқуқи гражданӣ, муайян намудани моҳияти истилоҳи сифати мол, кор ва хизмат; таҳқиқи кафолатҳои сифати мол, кор ва хизмат, таҳлили тарзҳои алоҳидаи таъмини сифати мол, кор ва хизмат, муайян намудани робитаи танзими техникии сифати мол, кор ва хизмат бо танзими ҳуқуқи гражданӣ, омӯзиши тарзҳои шартномавии танзими сифати мол, кор ва хизмат, таҳқиқи табиати ҳуқуқии стандартонӣ, аккредитатсия, аудити сифати мол ва дигар тарзҳои танзими техникӣ, таҳлили воситаҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба сифати мол, кор ва хизмат, муайян намудани асос ва шартҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон кардани талаботи ҳатмӣ оид ба сифати мол, кор ва хизмат, таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар соҳаи танзими сифати мол, кор ва хизмат аст.

Ҳангоми таҳияи диссертатсияи мазкур маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ: диалектикӣ, расмӣ–мантиқӣ, таҳлили муқоисавӣ ва усулҳои оморӣ истифода шудаанд. Дар маҷмӯъ, истифодаи методологияи ташкили таҳқиқоти илмӣ ба пайдо намудани донишҳои нав оид ба мавзуи таҳқиқот ва ба даст овардани дигар натиҷаи устувори илмӣ мусоидат намуд.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқоти мазкур амалияи судӣ, назорати прокурорӣ, таҳлили ҳуқуқтатбиққунӣ, натиҷаи муҳокимаи парлумонӣ, маълумотҳои ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва маълумотҳои оморӣ ба ҳисоб мераванд.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил гардонидани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти хосса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Мол, кор ва хизмат объектҳои шинохтаи ҳуқуқи гражданӣ мебошанд. Онҳо аломатҳои хос доранд, вале реҷаи ҳуқуқии муомилоти онҳо гуногун аст. Ҳамзамон ин объектҳо бояд тибқи қонунгузорӣ дорои маҷмуи хусусиятҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ (коршоямӣ, камхарҷӣ, экологӣ, бехатарӣ, тарҳи бадеию конструкторӣ ва ғайра) бошанд. Чунин ҳолат бархурди манфиатҳо намебошад, чунки дар таҳия ва риояи талаботҳои сифатии мол, кор ва хизмат ҳамаи субъектҳои манфиатдори ҳуқуқи гражданӣ иштирок менамоянд. Ислоҳоте, ки дар Тоҷикистон оид ба стандартонӣ, ҷорӣ намудани хизматҳои гуногуни баҳодиҳии мутобиқат, аудити сифат ва ғайра амалӣ шуда истодааст, аз як ҷиҳат талаботро оид ба истеҳсол ва муомилоти объектҳои ҳуқуқи граждaниро инкишоф медиҳад, аз ҷиҳати дигар бо бартараф намудани монеаҳо дар савдо ва танзими техникӣ, риояи ҳуқуқҳои гражданин соҳибкорро таъмин менамояд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дошта, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуки соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии
Тоҷикистон ба номи А. Баҳовидинов,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **Раҷабов Саидумбар Одинаевич**

Имзои Раҷабов С. О.- ро тасдиқ мекунам:
Нозири кадрҳо **Шовезов Ж.Н.**
13.02.2023с

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 734025; Хиёбони Рӯдакӣ, 33;
Телефон: +(992 37) 221 50 83; Факс: +(992 37) 221 49 11
Email: Saidumar1951@mail.ru